Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович дар мавзуи "Хусусиятҳои сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити ҳозира" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050202 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ)

Масъалаҳои инкишофи экологӣ ва муҳити зист ба ҷумлаи муҳимтарин проблемаҳои муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид мегарданд. Хусусиятҳои асосии ин мушкилоти замони муосир дар он ифода меёбанд, ки онҳо ба раванди рушди давлат ва ҷомеа таъсири манфии худро расонида, дар рафти инкишоф монеаҳои зиёдеро ба вуҷуд меоранд. Ҳолати мазкур андешаро дар бораи муҳимияти таҳқиқи чунин масъалаҳо таҳвият мебахшанд. Мубрамияти мавзуи интихобшуда, инчунин бо он муайян карда мешавад, ки на танҳо самтҳои нави рушди сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёнаро муайян ва омӯхтан зарурат дорад, балки зарурати омӯзиши хусусиятҳои хоси раванди экологии ин давлатҳо низ барои дарки амиқи масъалаҳо ва ҳалли онҳо мавҷуд аст.

Ба андешаи диссертант ифлосшавии муҳити зист дар ин ё он кишвари минтақа дар аксари ҳолатҳо ба тамоми давлатҳои дигари минтақа таъсир мерасонанд ва зарари калони иқтисодию иҷтимоиро ба бор меоранд. Яъне, мушкилоти экологии минтақа дар ҳеҷ ҳолат наметавонад мушкилоти хоссаи як давлат бошад ва танҳо ба як давлат таъсири манфӣ дошта бошад. Дилхоҳ мушкилоти экологӣ мушкилоти

митақавӣ маҳсуб меёбад ва ҳалли он кӯшишу талоши дастаҷамъонаро тақозо намуда, таҳия ва амалисозии сиёсати ягонаи минтақавии экологиро талаб менамояд.

Масъалаҳои ташаккули сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна дар шароити тағйирёбии иқлим раванди мураккаб ва бисёрҷониба мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва таҳлили илмӣ - назариявии ин мушкилот имрӯз хеле мубрам аст.

Дар автореферат муаллиф ба сиёсати экологии кишварҳои минтақа ишора намуда, қайд мекунад, ки давлатҳо ва халқу миллатҳои Осиёи Миёнаро натанҳо марзи ягона ва ҳамҷаворию ҳамбастагии табиӣ, инчунин таъриху фарҳанги ягона ва ҳамзистии дорои таърихи чандҳазорсола мепайвандад. Ин кишварҳо ҳамзамон дорои фазои ягонаи экологӣ ва масоили умимиэкологӣ мебошанд. Бояд қайд намуд, ки кишварҳои Осиёи Миёна дорои истеҳсолоти сермасраф бо сатҳи баланди таъсири манфӣ ба муҳити зист қариб дар ҳама бахшҳои иқтисодиёт, махсусан, соҳаи кишоварзӣ мебошанд, ки онро аз замони Иттифоқи Советӣ ба мерос гирифтаанд ва то имрӯз кам соҳаҳои ҳаёти ҷомеа навсозӣ шудаанд, ки ин яке аз омилҳои марказӣ дар роҳи ба вуҷуд омадани мушкилоти экологии минтақавӣ мебошад.

Таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти мавҷудаи илмӣ дар соҳаи сиёсати экологӣ нишон медиҳанд, ки ин мушкилот дар шароити тағйирёбии иқлим дар минтақаи Осиёи Миёна аз нуқтаи назари илмҳои сиёсӣ ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст. Дар ин асос, кӯшиши таҳқиқ, таҳия ва татбиқи сиёсати экологӣ дар заминаи тағйиротҳои ҷиддии экологӣ дар Осиёи Миёна зарур мебошад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи С.М. Мирзоев аҳамияти муҳим дошта, баҳри шинохти ин масъалаҳои экологӣ мусоидат менамояд. Муаллиф мавзуи мазкурро таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ-методологӣ намуда, унсурҳои асосии омӯзиши онро нишон додааст.

Ҷанбаи дигаре, ки мубрамияти омӯзиши масъаларо асоснок мекунад, таҳқиқи мушкилот дар шароити тағйирёбии иқлим дар минтақаи Осиёи Миёна мебошад. Зеро хусусияти мураккаб ва пуртазоди равандҳои сиёсӣ сатҳи ҳифзи амнияти минтақаро осебпазир гардонидаанд. Дар ин замина, муносибати бисёрҷанба ва фарогир ба омӯзиши масъалаи мазкур зарур мебошад.

Муаллиф мақсади таҳқиқотро дар омӯзиши роҳу воситаҳои самараноки ҳифзи табиат, муайян намудани роҳҳои ҳалли мушкилот ва таҳлили вазъи экологӣ бо дарназардошти хавфу хатар ва таҳдидҳои экологии ҷаҳони муосирро муайян намудааст. Барои расидан ба мақсади мазкур вазифаҳои таҳқиқотиро низ дуруст муайян намудааст.

Муаллиф кӯшиш намудааст, ки фишурдаи диссертатсияро ба таври мукаммал пешниҳод намояд. Дақиқ будани маълумот, истифодаи сарчашмаҳои расмӣ, кофӣ будани ҳаҷми маводи рисола ва ҳаҷми интишорот эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин мекунанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти кори диссертатсионии Мирзоев С.М. дар он аст, ки дар он масъалаи муҳимми экологии минтақаи Осиёи Миёна мавриди баррасӣ қарор гирифта, доир ба шарҳу тавзеҳи ин масъала дидгоҳи муфассал оварда шудааст.

Дар баробари комёбиҳои дар боло зикршуда автореферати диссертатсия аз норасоиҳо низ холӣ нест. Аз ҷумла:

- диссертант ба таҷрибаи ҳалли мушкилоти экологии минтақаҳои дигари олам чандон таваҷҷуҳ накардааст;

- раванди таҳқиқот ва сатҳи назариявию амалии он имконият медиҳанд, ки диссертант назари консептуалии худро дар мавриди сиёсати экологии минтақавӣ баён намояд. Мутаассифона, чунин иқдом дар кори диссертатсионӣ ба амал наомадааст.

Умуман, рисолаи диссертатсионӣ кори илман анҷомёфта буда, мазмун ва мундариҷаи он пурра ба талаботи корҳои диссертатсионӣ

мувофиқ буда, диссертант С.М. Мирзоев сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050202 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ) мебошад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои сиёсӣ, мудири шуъбаи
сиёсатшиносии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови АМИТ Муродов С.А.

Имзои С.А. Муродовро тасдик мекунам.
Нозири калони ШК ИФСҲ АМИТ Шоҳедов Х.

Суроғa:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33,
тел.: (99237) 2215689